Суратҷаласаи №1(11)

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-047 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

23 сентябри соли 2023 ш.Душанбе.

Иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-47 –и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, таҳти №125 тасдиқ шудааст, иштирок карданд 11 нафар, аз инҳо 2 нафар докторҳои илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Якдилона қабул мегардад.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ташхиси пешакӣ қабул намудани диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Аз рӯйи ин масъала муовини раиси Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юлдошев У.Р. баромад карда, қайд намуд, ки Раҷабова Фируза Садриддиновна диссертатсияро дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” санаи 18 феврали соли 2023 ҳимоя намуда буд. Бо фармоиши КОА бинобар риоя нагардидани талаботи банди 42 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 92 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос, дархости Шуро рад гардида буд. Дар маҷлиси имрӯза тибқи аризаи пешниҳоднамудаи Раҷабова Фируза Садриддиновна диссертатсия дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба ташхиси пешакӣ қабул карда мешавад.

Баромад намуданд: муовини раиси Шурои диссертатсионӣ д.и.п., профессор Юлдошев У.Р., аъзоёни Шурои диссертатсионӣ Ҷамшедов П.Ҷ., Раҷабов Т.Б., Байдуллоев А.И., Рамазонова Р.С.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ):

1. Ба ташхиси пешакӣ қабул карда шавад.
2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин муайян карда шавад:
- доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Шодӣ Асомуродович, аъзои Шурои диссертатсионӣ;
- номзади илмҳои педагогӣ Байдуллоев Аъзамҷон Ибодуллоевич, дотсент, аъзои Шурои диссертатсионӣ;
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна аъзои Шурои диссертатсионӣ;

3. Ба комиссияи экспертӣ супориш дода шавад, ки дар бораи имконияти ба ҳимоя қабул кардани диссертатсияи ббаррасишаванда тибқи моддаи 60-и Тартиботи додани унвонҳои илмӣ хулоса тайёр намоянд.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ:
Тарафдор – 11 нафар
Муқобил ? – нест
Бетараф?-нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юлдошев У.Р.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Обидова М.И.

Имзои д.и.п., профессор У.Р.Юлдошев ва н.и.п., дотсент М.И.Обидоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС